Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикисон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)

## Тақриз

**Ба автореферати диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)**

Дар шароити шиддат гирифтани равандҳои инноватсионӣ, муносибатҳои рақибона, ташаккули низоми худкори менеҷмент ва афзоиши талабот ба молу хизматрасониҳои дорои сифати баланд, табиист, ки мавҷудият ва ҳавасмандии кадрҳои ҳирфавӣ, асоси ин гуна низомро ташкил медиҳанд. Ҳангоми омӯзиш ва арзёбии масъалаи ҳамбастагии малакаю маҳорати касбӣ ба дараҷаи самаранокии раванди татбиқи ин ё он амалёти корӣ маълум мегардад, ки омили ҳавасмандии кадрҳо ба натиҷаи интизории фаъолият бевосита таъсири калон расонида метавонад. Инчунин, баъзан сарчашмаҳо бар он назаранд, ки 80%-и инкишоф ва рушди дилхоҳ сохтори хоҷагидорӣ аз фаъолияти роҳбарони зинаҳои гуногуни он ва кадрҳои иҷрокунандаи амалётҳои ҷудогонаи он вобаста мебошанд. Акнун бар самаранокии ин 80%-и вобастагии фаъолият баъзан омилҳо бо чунин ҳисаи таъсиррасонӣ ҳолатро ноустувор нигоҳ медоранд, аз ҷумла: 16% - ҳавасмандии фаъолияти кормандон аз муносибати муносиби рафтори роҳбар, 2% - аз чигунагии муносибати кормандон байни ҳамдигарӣ, 74% - аз сатҳи музди меҳнат, ҳавасмандгардониҳои моддӣ ва ташкили шароити созгори меҳнатӣ ва дар ниҳоят 8% - аз дигар сабабҳои рафти фаъолият вобастагӣ дорад. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ва дигар нуқтаҳои муҳими масъалаи мазкур, хулоса намудан мумкин аст, ки интихоб ва анҷоми таҳқиқот дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» муҳим арзёбӣ мегардад.

Бо назардошти муҳиммияти мавзуъ, сохтори автореферат, забон ва услуби баён, усулҳои таҳлил ва арзёбӣ, ки аз ҷониби Эсанов М.Д. ба анҷом расонида шудаанд, хабар аз иҷроиши сатҳу сифати илмӣ ва аҳамияти амалии рисола дарак медиҳад.

Дар автореферат муҳимияти мавзӯъ, унсурҳои асосӣ ва таркибии раванди таҳқиқот бо риояи принсипи пай дар ҳамӣ ва илмию мантиқӣ бисёр хуб анҷом дода шудааст.

Дар автореферат муаллиф хулоса намудааст, ки барои таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, илова бар мавҷудияти афзалиятҳои хуби сайёҳӣ, масъалаи муҳим, ин ташкили оқилонаи идоракунии захираҳои меҳнатӣ ва истифодабарии самараноки иқтидори меҳнатии онҳо ба шумор меравад. Муаллиф вобаста ба натиҷаҳои бадастомада, иброз медорад, ки захираҳои меҳнатӣ, бахусус,

иқтидори меҳнатии кормандон, нисбат ба дигар захираҳои иқтисодӣ дорои як қатор хусусиятҳои хоси худ мебошад, ки онҳоро чунин маънидод намудан мумкин аст: якум, эҳсос намудан ба тағйиротҳо дар рушди фаъолият ва дуюм, ҳолати рӯҳӣ-равонии корманд, бахусус, мотиватсия ва ҳавасмандии онҳо нисбат ба фаъолияти касбиву ҳунариашон ва тарзу қабули барномаву қарори роҳбарӣ мебошад. Ба андешаи мо саҳми унвонҷӯ дар ин масъала бисёр муҳим эҳсос мешавад, зеро дар асоси ошкор намудани махсусиятҳои болозикр, мо метавонем, ба низоми ҳавасмандии кормандон таъсир расонида, иқтидори зарурии онҳоро дар таъмини рушди соҳаи саёҳӣ самаранок истифода намуда, ба ин васила ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакат заминаи мусоид фароҳам созем.

Ҳамчунин, муаллиф дар асоси истифодаи моделҳои гуногун муҳити рушди касбии кадрҳои соҳаи саёҳӣ, инчунин иқтидори саёҳии ҷумҳуриро ба риштаи таҳлил кашидааст. Хусусан дар асоси истифодаи SWOT - таҳлил ширкатҳои саёҳӣ ва вобастагии онҳоро аз омилҳои таъсиррасон ба ҳавасмандгардонии кормандон дақиқ баҳогузорӣ намудааст. Хулоса, афзалиятҳои илмию амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда хело зиёд мебошанд.

Дар баробари ин хуб мебуд, агар муаллиф дар асоси истифодаи барномаи «Stata» ва «Eviews» иқтидори саёҳӣ, вобастагии он ба рушди иқтисодиёт ва алоқамандии сатҳи ҳавасмандии меҳнатии кормандони зинаи роҳбарии ин соҳаро арзёбӣ менамуд.

Дар маҷмуъ метавон қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, ҷавобгӯйи талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни 2023 сол, таҳти №295 тасдиқ шудааст, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**д.и.и., профессори кафедраи**
**иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М.С. Осимӣ** **Ҳамроев Ф.М.**

**Дурустии имзои Ф.М. Ҳамроевро тасдиқ менамоям,**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДТТ ба номи М.С. Осимӣ.** **Қодирзода Н.Ҳ.**

16.12.2024

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10. Тел.:+992(372) 21-35-11, +992 (372) 23-02-46, +992 934-10-39-62, E-mail:info@ttu.tj, ttu@ttu.tj